**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич пас аз хатми донишкадаи иқтисодии тоҷикистон аз рӯи ихтисоси фаъолияти бонкӣ соли 2017 ба аспирантураи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, ҳамзамон фаъолияти илмӣ-омӯзгории худро дар кафедраи фаъолияти биржавӣ оғоз карда айни замон дар кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон идома дода истодааст. Нуров М.Р. дар ҷодаи фаъолияти педагогӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ қобилияти хуби эҷодӣ дошта, дар ҳалли доираи васеи масъалаҳои рушди низоми қарзию бонкӣ ва ҳамоҳангии онҳо бо масъалаҳои муҳимтарини иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ инчунин, таҳияи тавсияҳои методӣ дар самти ташаккули идоракунии рушди соҳа мустақилият зоҳир намуда истодааст.

Дар вакти таҳсил дар аспирантура ва ҷараёни таълим ба донишҷӯён ӯ ҳамчун таҳқиқгари поквиҷдону ҷиддӣ ва дорои малакаи таҳлилӣ худро муаррифӣ намуда, дар ҷараёни иҷрои корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳияи китобу васоитҳои таълимӣ мсъулияти баланд зоҳир намуд, уҳдадориҳои бадушдоштаашро дар сатҳи таҳқиқоти илмӣ ҳамчун таҳқиқгар иҷро менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва анҷоми корҳои ба ин самт вобастабуда Нуров М.Р. ҷиҳати фарогирии васеъи илмӣ дар самти худ зиёда аз 10 мақолаҳои илмӣ ва 2 васоити таълимӣ нашр ва ҷиҳати татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худ дар семинару конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза намудааст, ки аз

ҷониби мутахассисони соҳа бо натиҷаҳои баланд илмӣ ва навгониҳо арзёбӣ карда шудааст.

Қобили зикр аст кори илмӣ натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидаи илмӣ-амалии муаллиф дар ҷанбаҳои гуногуни таъсири қарздиҳии бонкӣ ба самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад.

Аз таҳлилҳои диссертатсия бар меояд, ки таҳқиқоти анҷомшуда дар самти Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир, махсус дар шароити имрӯза аҳамияти баланди илмию амалӣ дошта, мубрамияти таҳқиқоти илмиро тасдиқ менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рисолаи илмӣ сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шуда, бо забони илмиии фаҳмо омода гардида, пешниҳод ва таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд.

Рисолаи номзадии Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзӯи: "Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир", ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, гардиши пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва дар ҳамин сатҳи муҳокима ба итмомрасидаи илмӣ- буда, барои ҳимояи ниҳоӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**муовини вазири маориф**
**ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Хайрзода Ш.Қ.**

**Имзои Хайрзода Ш.Қ. – ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси Вазорати маориф**
**ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**н.и.ҳ.** **Саидзода Ҳ.Х.**